# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи **Зоирзода Холмурод Сафаралӣ** дар мавзуи «**Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ (дар асоси маводи «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи муҳсинӣ» ва «Рисолаи ҳотамия»)**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ. –Душанбе, 2025. – 25 с.

Диссертатсияи мавриди тақриз фарогири номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёти мавриди истифода қарор гирифта мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия муаллиф оид ба муҳиммии мавзуи рисола, сатҳи баррасии он, навгониҳо, аҳаммияти назариву амалӣ, усулҳои таҳқиқ ва амсоли инҳо баёни андеша намуда, ишора кардааст, ки рисолаи мазкур дар заминаи маводи **«Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи муҳсинӣ» ва «Рисолаи ҳотамия»** сурат гирифтааст.

Аз ҷумла, дар боби нахустини диссертатсия **«Вомвожаҳои осори насрии Кошифӣ ва вижагиҳои забонии онҳо»,** ки се фаслу чор зерфасл дорад, асосан, дар хусуси «Вомвожаҳои арабӣ ва баъзе масоили назарии онҳо», «Вомвожаҳои арабӣ», «Қолибҳои вомвожаҳои арабӣ», «Вомвожаҳои арабии исмӣ», «Вомвожаҳои арабии зарфӣ» ва «Вомвожаҳои ғайриарабӣ» баҳс оростааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Вижагиҳои луғавии вомвожаҳои осори насрии адиб»** номгузорӣ шуда, фарогири шаш фасл мебошад. Дар фаслҳои ин боб қабатҳои луғавӣ ва семантикии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ баррасӣ шудаанд.

Боби сеюми диссертатсия **«Вижагиҳои сохтории вомвожаҳои осори насрии адиб»** ном дорад ва ин боб низ дар шаш фасл фароҳам омадааст. Дар фаслҳои дахлдори ин боб, асосан, вижагииҳои дастурию сохтории осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Дар бахши хулоса бардоштҳои диссертант аз таҳлилу муқоисаи анҷомдода дар 15 банд зикр гардидааст.

Ҳамин тавр, Зоирзода Холмурод Сафаралӣ кулли мақсад ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодкардаашро ҳаллу фасл намудааст, барои анҷоми чунин пажуҳиш меҳнати зиёд карда, аз «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи муҳсинӣ» ва «Рисолаи ҳотамия» маводи зарурӣ ва дархури матлабро гирдоварӣ кардааст, онҳоро вобаста ба равиши таҳқиқ баррасӣ намудааст.

Таҳқиқоти анҷомдодаи диссертант мустақилона буда, муаллифи рисола тавонистааст, ки ба қадри тавон мақоми вомвожаҳои арабиро дар ин асарҳо нишон дода, ҷанбаҳои забонии онҳоро таҳлилу таҳқиқ намояд.

Автореферати диссертатсия мазмуну муҳтавои рисоларо инъикос менамояд.

Дар автореферати диссертатсия дар радифи комёбиҳо боз нуктаҳои баҳснок, бархе иштибоҳот низ мушоҳида шуданд, ки дар оянда рафъи онҳо боиси болоравии ҳусни пажуҳиш хоҳад гардид.

1. Дар корбурди истилоҳоти забоншиносӣ дар диссертатсия ягонагӣ нест: ҳам аврупоӣ (суффикс, префикс, морфема...) ҳам истилоҳоти тоҷикӣ (пешванд, пасванд, соза...) ба назар мерасад.

2. Дар диссертатсия ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ, китобат ва услубӣ ба назар мерасанд (ниг.: с. 4, 6, 10,…).

Чунин эродҳо ҷузъӣ буда, зудислоҳшавандаанд ва ба сифати диссертатсия таъсир намерасонанд.

Диссертатсияи Зоирзода Холмурод Сафаралӣ бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01–Забони тоҷикӣ таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Зоирзода Холмурод Сафаралӣ дар мавзуи «Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн

Воизи Кошифӣ (дар асоси маводи «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи муҳсинӣ» ва «Рисолаи ҳотамия»)» ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқарриз:** Муртозоев Холмурод Ризоқулович – доктори фалсафа оид ба фанҳои филологӣ (PhD), муаллими кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов

_____________ning imzosini tasdiqlayman Sharof Rashidov nomidagi ... dimlar bo'limi boshlig'i

Имзои доктори фалсафа оид ба фанҳои филологӣ, (PhD), Х.Р.Муртозоевро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳои ДДС ба номи Ш.Рашидов: И.Бӯриев

O'ZBEKISTON RESPUBLIKASI OLIY TA'LIM, FAN VA INNOVATSIYALAR VAZIRLIGI SHAROF RASHIDOV NOMIDAGI SAMARQAND DAVLAT UNIVERSITETI XODIMLAR BO'LIMI

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Ӯзбекистон,
ш. Самарқанд, Булвари Донишгоҳ, 15.
Тел: (+99899) 264 88 90. E-mail: kholmurod.murtozoyev.@mail.ru

«_14_» марти соли 2025